## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Пирумшоев Ҳ., доктори илмҳои таърих, профессор Мухитдинов С.Р., доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Шарифзода А.А. бо таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили инъикоси ҳаводиси сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар охири садаи XX-ибтидои садаи XXI дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои

нави ҳокимият пардохт. Соҳаи илму маориф, аз ҷумла илми таърихнигориро низ дигаргуниҳои куллӣ фаро гирифтанд.

Таърихнигории замони шуравӣ бо вуҷуди рушди бемайлон ва таҳқиқоти фаровон аз костагиҳо орӣ набуд. Махсусан дар инъикоси таърихи ҷумҳуриҳои бародари шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, муҳаққиқин ба идеологияи ҳукмрон такя намуда, арзишҳои миллиро кам ба инобат мегирифтанд. Ин буд, ки баъзе паҳлуҳои таърихи кишварамон дар замони шуравӣ бо костагиҳо ва камбудиҳо инъикос меёфтанд. Аз ин лиҳоз, истиқлолият дар илми таърихнигории тоҷик дигаргунии куллӣ ба миён овард. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи Ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд. Муаррихони замони истиқлолият дар ҳошияи шоҳасарҳои таърихии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як миқдор корҳои воқеан илмиро ба анҷом расониданд, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Аз ин лиҳоз, таҳлилу баррасии адабиёти дар тули 25-соли даврони истиқлолият ба табъ расида аз ҷониби унвонҷӯ иқдоми саривақтӣ буда, сазовори дастгирист.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд, дар даврабандии таърихи Тоҷикистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш, дар таҳқиқи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифшои саҳми Роҳбари давлат ҳамчун асосгузори сиёсати хориҷии кишвар зоҳир мегардад.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тули солҳои 1991-2016 ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф унвонҷӯ

таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон ва донишмандони соҳаро, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом додаанд, ҷамъбаст намудааст. Илова бар ин унвонҷу заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, аҳамияти Иҷлосияи XVI дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ, натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва гариби таҷрибаи сулҳ, натиҷаҳои фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комилро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин унвонҷӯ самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҳлил намуда, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмуӣ махсуб меёбад. Илова бар ин, унвонҷӯ адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан воқеаҳои феврали соли 1990 ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, бори нахуст мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлолро бори нахуст даврабандӣ кардааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи сиёсии диссертатсияро метавон дар зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991- 2016, инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои "Таърихи халқи тоҷик", "Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол", "Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони

соҳибистиқлол" васеъ истифода кард. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Мазмуни асосии рисола дар чордаҳ мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар даҳ мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» аз руйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – **Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А) Каримзода Осим Қосимӣ** – доктори илмҳои таърих,

профессор, мудири шуъбаи маорифи вилояти Суғд.

**Б) Ганчакова Матлуба Ганчаковна** – номзади илмҳои таърих.
и.в.дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3.Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4.Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5.Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Пирумшоев Ҳ.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**

**доктори илмҳои таърих** **Муҳитдинов С.Р.**

**доктори илмҳои таърих** **Шарифзода А.А.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АИ ҶТ** **Файзуллоева Г.**

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ • ШУЪБАИ КАДРҲО